# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати **Самадов Миршод Самадович** дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Рисолаи унвонҷӯй Самадов Миршод Самадович ба самти муҳим ва муосири илми педагогикаи ватанӣ – асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки тарбияи ҷисмонӣ накши бисёрҷабҳа ва ҳамгиро дошта, рушди инсонро дар ягонагии вазъи ҷисмонӣ ва маънавӣ арзёбӣ мекунад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сатҳу сифати омода намудани донишҷӯён -омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии педагогӣ бозёфти нави илмӣ-педагогиро ба ташкили раванди таълим тақозо мекунад. Ин нукта, дар навбати худ, таҳия намудани технологияи муосири омода намудани кадрҳои педагогӣ дар ин самт, коркарди амсилаи ташаккули маҳорату малакаи фаъолияти касбии оянда, фароҳам овардани шароитҳои беҳбуди раванди мазкур, асоснокии назариявӣ ва санҷиши дараҷаи самарабахши масъаларо ба миён мегузорад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти асосхои методологӣ-бунёдӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллу фасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз нигоҳи муаллиф, масъалаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ аз ҷумлаи вазифаҳои мухимми назария ва амалияи педагогӣ маҳсуб меёбад. Воқеан, омодагии донишҷӯ ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ аз самаранокӣ ва сифатнокии ташкили раванди таълим дар донишкадаю донишгоххо вобастааст. Мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ҳадафи бевоситаи назария ва

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати **Самадов Миршод Самадович** дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Рисолаи унвонҷӯй Самадов Миршод Самадович ба самти муҳим ва муосири илми педагогикаи ватанӣ – асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки тарбияи ҷисмонӣ нақши бисёрҷабҳа ва ҳамгиро дошта, рушди инсонро дар ягонагии вазъи ҷисмонӣ ва маънавӣ арзёбӣ мекунад. Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сатҳу сифати омода намудани донишҷӯён -омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии педагогӣ бозёфти нави илмӣ-педагогиро ба ташкили раванди таълим тақозо мекунад. Ин нукта, дар навбати худ, таҳия намудани технологияи муосири омода намудани кадрҳои педагогӣ дар ин самт, коркарди амсилаи ташаккули маҳорату малакаи фаъолияти касбии оянда, фароҳам овардани шароитҳои беҳбуди раванди мазкур, асоснокии назариявӣ ва санҷиши дараҷаи самарабахши масъаларо ба миён мегузорад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти асосхои методологӣ-бунёдӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллу фасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз нигоҳи муаллиф, масъалаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми назария ва амалияи педагогӣ маҳсуб меёбад. Воқеан, омодагии донишҷӯ ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ аз самаранокӣ ва сифатнокии ташкили раванди таълим дар донишкадаю донишгоххо вобастааст. Мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ҳадафи бевоситаи назария ва

мекунанд, коркарди амсила ва барномаи ташаккули он ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати маҳсулнокии касбии донишҷӯён дар низоми муосири омода намудани омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад. Шиносоӣ бо диссертатсия собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи онро кӯшиши муаллиф дар самти натиҷагирӣ аз таҳлили консепсияи назариявӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки асосҳои бунёдӣ ва методологии омода кардани омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмониро муқаррар намудаанд, ташкил мекунад.

Муаллифи рисола бар ин қарор аст, ки ба сифати меъёрҳои омодагии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ унсурҳои зерин мақоми муассир доранд: Аз ҷумла, мавҷудияти нақшаи дақиқи ташкили машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ; таъмини муносибати босалоҳият ба раванди машғулиятҳо дар заминаи ҳамкории густурда ва қавии омӯзгор – муҳассилин/хонандагон, такмили маҳорат ва малакаи педагогӣ, вусъати дониш, вазъи саломатӣ, рушди ҷисмонӣ ва омодагии функсионалии омӯзгори оянда; мавҷудияти услуби инфиродӣ дар фаъолияти педагогӣ. Таъкид бояд кард, ки дар рисола зинаҳои омодагии омӯзгор ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муқаррар ва асоснок карда шудаанд.

Нуктаи дигари муҳимми рисола аз он иборат аст, ки масъалаи ҳифзи саломатии насли наврас, тарзи ҳаёти солим яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад, ки борҳо таъкид кардаанд (оғози иқтибос): «Ҳукумати мамлакат варзишро ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат эътироф намуда, барои пешрафти он, ҷалби васеи сокинони кишвар бо мақсади оммавигардонии варзиш, солимгардонӣ ва тарбияи ҷисму рӯҳи солим тадбирҳои

муассирро амалӣ мегардонад» (поёни иқтибос, диссертатсия, саҳифаи 26).

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии донишҷӯ - омӯзгори оянда ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардидаанд, ки ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти “Тарбияи ҷисмонӣ” ҳамчун дастур ва роҳнамо хидмат хоҳанд кард. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи фанҳо ва курсҳои махсус дар системаи таълими касбии омӯзгори оянда дар факултаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон бомуваффақият метавон истифода кард.

Боби якуми диссертатсия - «Асосҳои илмӣ ва назариявии ташаккули омодагии сифатҳои омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар муҳити таълимии муассисаҳои олӣ» аз се фасл иборат буда, ба таҳлили адабиёти илмӣ ва педагогиву психологии марбути мавзуи таҳқиқот ва асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот бахшида шудааст.

Дар ин боб консепсияи ислоҳоти таҳсилоти педагогӣ дар партави омодасозии низоми сифатан нави тайёр кардани кадрҳои педагогӣ пешниҳод шудааст, ки дар оянда барои кор кардан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омода бошанд. Ба таъкиди муаллифи рисола шароити мусоидеро мебояд фаро овард, ки ба омодагии касбии омӯзгорониояндаи “Тарбияи ҷисмонӣ” мусоидат намояд.

Боби дуюми диссертатсия - “Таҳқиқоти таҷрибавӣ ва натиҷаҳои ташаккули омодагии омӯзгориояндаи “Тарбияи ҷисмонӣ” комилан озмоишӣ буда, кӯшиши дар амалия татбиқ намудани ғояҳои бунёдиро тавассути татбиқи амсила ва корбурди барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳамчунин, инкишофи ҷузъҳои омодагии донишҷӯён – омӯзгорониояндаи “Тарбияи ҷисмонӣ” дар доираи роҳандозии барномаи ташаккулдиҳанда асоснок карда шудааст.

Диссертатсия собит месозад, ки самаранокии фаъолияти минбаъдаи касбии донишҷӯ-омӯзгори ояндаи “Тарбияи ҷисмонӣ” дар сурате имконпазир мегардад, ки, агар ӯ қобилияти байни фаъолияти маърифатӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва рушди умумифарҳангии худ баркарор намудани робитаи ногусастаниро доро гардад. Чунин фаъолият сифатҳои баланди касбӣ, худшиносӣ, худинкишофдиҳӣ, рушди салоҳият ва қобилият, фарҳанги муносибат ва муошират, фаъолияти босамари касбии омӯзгори ояндаро муайян месозад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Самадов Миршод Самадович дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” таҳқиқоти анҷомёфта дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар рисола таҳлили вазъи омодашавии донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами кафедраҳои тарбияи ҷисмонӣ дар донишкада ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба мушоҳида нарасид. Дар сурати иҷрои чунин кор қимати рисола дар робита ба таҳлили сатҳи тайёр кардани кадрҳои омӯзгории тарбияи ҷисмонӣ дар мактабҳои олии мамлакат равшан ва мушаххас мегардид.

2. Дар рисола натиҷаҳои озмоиши муқараркунанда ва хулосабарорӣ чандон васеъ шарҳу эзоҳ наёфтаанд.

3. Дар саҳифаи 46-и диссертатсия чунин ҷумларо хондем ва андешидем, ки оё баёни матлаб аз ҷониби унвонҷӯй дуруст аст. Чунончи: “Шояд ба назар тарбияи ҷисмонӣ фанни осону шавқовар намояд, вале бояд зикр кард, ки омӯзиши ин фан низ нозукиҳо ва мушкилотҳои худро дорад”. Ба ақидаи мо, тарбияи ҷисмониро фанни осону шавқовар гуфтан аз мантиқ дур аст. Ин ҷо оид ба дарс ва ё машғулиятҳои ҷисмонӣ, фарҳанги тандурустӣ ва амсоли он бояд

сухан гуфта мешуд.

4. Дар матни диссертатсия хатоҳои имловӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Самадов Миршод Самадовичро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо асосҳои бунёдӣ ва методологии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба риштаи таҳлил ва таҳқиқ кашидааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқарраротИ Дастурамал гӯё ва фаҳмо, бо услуби илмӣ навишта шуда, тартиб ва ҷобаҷогузории бобҳо ва фаслҳои рисола, робитаи мантиқӣ ва муттасилии фикру андешаҳо хуб ба назар мерасад. Доир ба ҳар як боби рисола хулосаҳои возеҳ матраҳ шудааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Самадов

Миршод Самадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ
ва мудофиаи шаҳрвандии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ Намозов Тошқул
19.01.2024

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: +992 (37) 224 13 83; моб: (+992) 918-81-25-21. E-mail: ntoshkul@mail.ru.

Имзои Намозов Тошқулро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.